# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИИ БАЧАҲОИ ШАШТ - ҲАФТ СОЛА ВА ДАРСҲОИ ПЕДАГОГӢ БА ТАЪЛИМИ ОНҲО

**О. Қ. Мирзораҳимов**
Муаллими калони университети педагогии давлатии шаҳри Чирчиқ

**Д. Рисқипулатова**
Толибаи курси 2-юми факултати “ Таълими синфҳои ибтидоӣ”

## АННОТАЦИЯ

Дар мақола дар бораи инкишофи ҳаматарафаи кӯдак дар шароити мактаб. Роҳҳои асосии инкишофи бача дар давраи аз синну соли томактабӣ ба синну соли хурди мактабӣ гузаштан – ташкил кардани муносибати мусбати ӯ нисбат ба мактаб, фаҳмида аз худ намудани материалҳои таълимӣ, худбаҳодиҳиро ёд гирифтан, маҳорат ва хоҳиши дар фаъолияти коллективона иштирок кардан маълумот дода мешавад.

**Калимаҳои калити:** инкишоф, ҳаматарафа, кӯдак, мактаб, инкишоф, таълим, материалҳои таълими, фаъолият, коллектив, тадқиқотҳои психологӣ,шахсият, шавқовар, диққатҷалбкунанда, давра, тарбия, муносибат, фикр, мақсад,

## МУҚАДДИМА

Инкишофи ҳаматарафаи кӯдак дар шароити мактаб гарави бомуваффақияти таҳсил ва ташаккули ояндаи психикии вай мебошад. Роҳҳои асосии инкишофи бача дар давраи аз синну соли томактабӣ ба синну соли хурди мактабӣ гузаштан – ташкил кардани муносибати мусбати ӯ нисбат ба мактаб, фаҳмида аз худ намудани материалҳои таълимӣ, худбаҳодиҳиро ёд гирифтан, маҳорат ва хоҳиши дар фаъолияти коллективона иштирок кардан мебошад. Нишонаҳои аввалини ин хусусиятҳо аллакай ба ин ё он андоза то саршавии синни шашсолагӣ пайдо шудааст. Ҳамаи ин барои ба таълим тайёр будани бачаҳо замина тайёр мекунад.

## ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ ВА МЕТОДОЛОГИЯ

Маълумотҳои ба даст омадаи тадқиқотҳои психологӣ дар бораи ташаккул ёфтани хусусиятҳои бачаҳои 6-7 сола имконият ва зарурати сар кардани таълими бачаҳои ин синро асоснок менамоянд. Вале инкишофи минбаъдаи ин хусусиятҳо, тайёр шудан ба

таълим, аз он вобаста аст, ки кадом тарзу мазмуни кори таълиму тарбия бар мактаб мавқеъ пайдо мекунад.

Масъалаҳои ташаккул ёфтани хусусиятҳои номбурдаи шахсияти бачаҳоро муфассалтар дида мебароем.

Аксарияти бачаҳои ин син бо хоҳиши томи хондан ба мактаб меоянд, вале дар бораи таълими мактаб маълумоти тангу рӯякӣ доранд. Дар беҳтарин мавридҳо онҳо танҳо номи предметҳои таълимиро, монанди : “хониш” , “математика” вағайра медоанду халос (бисёр вақтҳо номҳои кӯҳнашударо истифода мебаранд). Маълумотҳое, ки дар бораи мактаб доранд, ҳам танг ва ҳам рӯкӣ аст. Дар асл шиносоӣ бо ҳақиқати мактаб мумкин аст муносибати мусбати онҳоро нисбат ба ин ки баръакс, муносибати бача нисбат ба мактаб ба таври манфӣ сурат гирад. Ин ба он вобаста аст, ки бача чӣ тавр ва то чӣ андоза ин маълумотҳоро сарфаҳм рафта аз худ менамояд. Дар мустаҳкам намудани мунрсибати мусбати бача нисбат ба мактаб шавқовар ва диққатҷалбкунанда будани материалҳои таълимӣ роли калон мебозад. Вале аз таҷриба маълум аст,ки дар баробари он ки аксарияти мавзӯъҳои таълимӣ шавковар ва диққатҷалбкунанда, мазмуннок мебошанд, боз мавзӯъҳое ҳастанд, ки аз маъно холӣ набуда ҳамчун зинаи тайёрӣ барои аз худ намудани малака ва маҳорат хизмат мекунанд. Масалан, тасвир намудани ҷузъҳои ҳарфҳо танҳо яке аз зинаҳои аз худ намудани навиштан аст. Навиштани ҷумла бошад, мақсади ба худ хос дорад. Дар ин гуна навиштаҷотҳо, яъне ҷумлаҳо, бача метавонад фикри мақсаднокро ифода намояд. Аз ин рӯ, ин гуна навиштаҷотҳо бештар диққатҷалбкунандаанд.

Дар сурати ба дараҷаи баланди шуурнокӣ ва фаҳмиш соҳиб будан, ки дар як қатор бачаҳои синфҳои болоӣ мушоҳида мешавад, шавқовар ва диққатҷалбкунанда набудани дарс боиси нафаҳмидан ва аз худ накардани он мегардад. Бача он вакт супориш ё вазифаро содиқона иҷро менамояд, ки шарт ва роҳи ҳалли онро фаҳмида бошад. Дар ин сурат мавзӯъ барои бача шавқовар мегузарад ва шавқу рағбати ӯ нисбат ба ҷои суст шудан зиёд мегардад. Вале дар бачаҳои 6-7 сола ин дараҷаи шуурнокӣ ва фаҳмиш ҳоло инкишоф наёфтааст. Мавзӯъҳое, ки диққатҷалбкунанда набуда шавқу рағбати бачаҳо нисбат ба ҳалли онҳо бедор намегардад, на ин ки мустақилона, балки зери таъсири калонсолон маҷбуран иҷро карда мешаванд. Баъд аз ин таълими мавзӯъҳои оянда диққати бачаҳоро ба худ ҷалб карда наметавонад ва оҳиста -оҳиста дар онҳо нисбат ба хоҳиш ва мактаб муносибати холисона ё ин ки манфӣ ба амал меояд. Аз ин рӯ, мавзӯъро моҳирона ва бо

тарзу методҳое фаҳмонидан лозим, ки шавқу ҳаваси бачаро бедор кунад.

Дар вақти кор мумкин баъзе супоришҳое дода шавад, ки характери бозӣ дошта бошанд. Масалан, муаллим аз номи лӯхтаке, ки дар даст дорад, ба бачаҳо супориш медиҳад. Вале дар хотир доштан лозим ки агар ҳамаи супоришҳо характери бозӣ дошта бошанд, пас дар онҳо нисбат ба мундариҷаи таълимии он шавқу рағбат ташаккул намеёбад. Бинобар ин беҳтарин мавзӯъҳо онҳо мебошанд, ки на танҳо ба воситаи тарзу усулҳои гуногун ба бача расонида мешаванд, балки худи ин мавзӯъҳо аз ҷиҳати мазмун диққатҷалбкунанда бошанд.

Ш. А. Амонашвили дар китоби худ “ Салом мактаб “ чунин мисолҳоро бисёр овардааст, ки дар тартиб додани плани машғулиятҳо ба муаллим ёрии калон мерасонанд. Муносибати бача нисбат ба мактаб аз бисёр ҷиҳатҳо аз рӯи он муайян мегардад, ки муаллим чӣ гуна талаботҳои ахлоқӣ ва қоидаҳои мактабиро дар кори худ ҷорӣ менамояд. Маълум аст, ки рафтори мактабии бача нисбат ба рафтори озодонае, ки ӯ дар хона ва боғчаи бачагон одат кардааст, фарқ дорад. Дар мактаб рафтор ва ахлоқи бачаҳо аз рӯи тартиби муайян ҷорӣ карда мешавад.

Мактаббача набояд дар вақти дарс бе иҷозати муаллим аз ҷой хезад, б ҳампартаҳояш гуфтугӯ кунад ва ба корҳои беҳуда машғул шавад. Агар ӯ хоҳиши чизе гуфтан дошта бошад, бояд дасти худро боло карда аз муаллим иҷозат пурсад. Рафтор ва тартибу интизоми ҳар кадом хонандаи хурдсол бояд ба талаботҳои нав ва ношинос мувофиқат пайдо кунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бачаҳои 7- солае, ки ба синфи 1 меоянд , зуд ва бе ягон мушкилӣ ба риоя кардани чунин талаботҳо одат мекунанд. Онҳо барои ин замина доранд ва нормаи ҳаёфти мактабиро ҳамчун бачаҳои калонсол қабул менамоянд. Риоя намудани норма ва қоидаҳои мактабӣ барои онҳо як ҳисси қаноатмандӣ нисбат ба рафтори худ ва бовиҷдонӣ шуда мемонад.

## МУҲОКИМА

Бачаҳои шашсола тартиби мактабро дигар хел мефаҳманд. Агар ин қоидаҳо беихтисор аз бачаҳои ин синну сол талаб карда шаванд, онҳо худро гум мекунанд. Дар онҳо доимо ҳисси вайрон накардани ин ё он нормаи ахлоқ ба вуҷуд меояд , ҳамеша эҳтиёт шуда мегарданд, ки ягон қоидаро вайрон накунанд. Дар охир бача ба риоя намудани тартибот қоидаҳои ахлоқ одат мекунад, вале ӯ худро озод ҳис накарда, балки онҳоро аз рӯи тарсу ваҳм иҷро менамояд. Дар онҳо ҳисси нобоварӣ нисбат ба худ , тарсу ваҳм, нооромӣ ба вуҷуд

меояд. Мактаб барои онҳо на ин ки манбаи дониш, илму хирад, балки ҳамчун ҳиссиёти манфӣ шуда мемонад .

Барои он ки бачаҳо табиатан ба ҳаёти мактабӣ дохил шаванд, барои онҳо қоидаҳои ахлоқ ва тартиботи мактабӣ бояд оҳиста- оҳиста ҷорӣ карда шаванд . Ин қоидаҳо мумкин дар охири соли хониш ҷорӣ карда шаванд ва на ин ки ҳамчун талаб, балки дар шакли хоҳиши муаллим изҳор гарданд. Камбудии онҳо низ набояд сарзаниш карда шавад. Камбудиашонро бо қаҳру ғазаб не, балки ба таври нарм ва дар шакли афсӯси муаллим ба онҳо фаҳмонидан лозим аст. Барои бачаҳо қоидаҳои одатнашуда - ин дар ҳолатҳои зарурӣ дасти худро боло кардан аст. Ин қоидаро дар шакли бозӣ гузаронидан беҳтар аст. Агар бачаҳо ба ин ҳам риоя карда натавонанд, пас рафтори онҳоро ҳамин тавр фаҳмидан мумкин аст, гӯё онҳо қоидаи бозиро риоя накардаанд. Дар ин ҳолат қоидаро бори дигар такрор кардан лозим асту халос.

Психолог ва педагог Ш.А. Амонашвили дар бораи принсипҳои кор бо бачаҳои шашсола бисёр хуб ва дуруст навиштааст: "Бачаҳоро маҷбур кардан мумкин аст, ки фавран фармон ва ё супориши муаллимро иҷро кунанд? - Не!.. Мумкин аст, ки аз бачаҳо қатъӣ талаб карда шавад, ки дар дарс рост нишаста наҷунбанд? - Не!".

Муваффақияти хониши бачаҳои хурдсол ба он вобаста аст, чӣ тавр дар онҳо ҳисси донишомӯзӣ ташаккул меёбад. Тадқиқотҳо нишон доданд, ки хусусиятҳое, ки бачаҳоро барои ба мактаб рафтан водор менамоянд, се намуданд: ҷиҳати сотсиалӣ (иҷтимоӣ) барои дар оянда касберо аз худ намудан зарур будани хонишро фаҳмидан ; таълимӣ (шавқу рағбат ба дониш, кӯшишу ғайрат барои аз худ намудани малакаву маҳорат) ва бозӣ. Вале вазни ҳар кадоми инҳо гуногунанд. Азбаски бозӣ дар ҳаёти бачаҳо нисбат ба дигар ҷиҳатҳо бартарӣ дорад, бинобар ин бачаҳо нисбат ба бозӣ шавқу рағбати зиёд зоҳир мекунанд. Агар ҳангоми таълим кӯшиши бачаҳо ба бозиҳое, ки дар онҳо ягон ҷиҳати ахлоқӣ озодона интихоб мегардад, равона бошад, пас роҳ ва тарзу тариқи бозӣ муддати зиёде дар хотири онҳо боқӣ мемонад. Дар ҳафтсолагӣ бачаҳо аз шаклҳои гуногуни бозиҳо бояд хуб истифода бурда бошанд. Пахш кардани кӯшишҳои бозӣ баъзан ба ҳолатҳои ғайричашмдошт оварда мерасонад. Лаҳзаҳои бозӣ аз хотири бачаҳо набаромада, балки дар фаъолияти таълимии онҳо низ паҳн мегардад.

Дар гурӯҳҳои рӯзаш бардавом дар вақти танаффусҳо намудани асосии машғулият бо бачаҳо, бояд бозиҳои ролдор ( бозиҳое, ки дар рафти онҳо бачаҳо сюжети

муайянеро - монанди бозии “Мағоза”, “Дар шифохона” ва ғайра иҷро мекунанд) бошад. Дар ин гуна бозиҳо бачаҳо ба худ роли мувофиқро интихоб мекунанд. Масалан, роли “ фурӯшандаи мағоза”, роли “духтур ” ва ғайра. Дар вақти тайёрӣ дидан ва ташкил намудани идҳои бачагона мавқеи асосиро бозиҳои драмавӣ, коллективона иҷро нашудани сюжети ягон асаре, ки дар рафти он бачаҳо худро ба ҷои қаҳрамонҳои гуногун ҳис кунанд, ишғол менамоянд. Барои ташкил намудан ва гузаронидани бозиҳои гуногун ба муаллим “Программаи тарбиявӣ дар боғчаи бачагон ” ва тавсияҳои методӣ барои мураббияҳои боғчаи бачагона ёрии амалӣ мерасонанд.

Дар фаъолияти таълимии баъзе бачаҳои 6-7 сола ба ҷои пешрафти хониш хислатҳои дигар ба вуҷуд меоянд. Онҳо на ин ки барои хониши хуб кӯшиш мекунанд, балки фикру андешаи онҳо барои баҳои хуб гирифтан нигаронида мешавад. Ин хусусият дар бачаҳо нисбат ба иҷрои супориш ва вазифаҳо ҳисси эҷодкорона рафтор карданро бедор намекунад . Баръакс оҳиста- оҳиста ба он оварда мерасонад, ки бачаҳо вазифаҳоро ё руйнавис мекунанд, ё дар баъзе мавридҳо баҳои дар рӯзнома аз тарафи муаллим гузошта шударо ислоҳ менамоянд. Дар бачаҳои 6-7 солае, ки дар мактаб ба фаъолияти онҳо баҳо гузошта намешавад, чӣ тавр “психологияи баҳодиҳӣ” ташаккул меёбад. Ибтидои ин аз он ҷост, ки бисёр бачаҳо ҳанӯз то ба мактаб қабул шудан дар бораи баҳо маълумот доранд. Дар ибтидо бачаҳо “ баҳо”- ро аз рӯи ақл мефаҳманд, вале аҳамияти дар хониш доштаи онро дарк намекунанд. Бисёр муаллимон дар кор бо бачаҳои 6-7 сола намудҳои гуногуни баҳодиҳиро истифода мебаранд. Ба ҷавоби хуби бачаҳо ситорача мегузоранд ё байрақчаи сурх медиҳанд. Ҷавобҳои бади бачаҳо бо ишораҳои дигар баҳо дода мешаванд. Аз рӯи мазмуни психологӣ ин “ баҳоҳо” ҳам ҳамон “ баҳоҳои” “ панҷ” ва “ду" мебошанд. Дар кор бо бачаҳои 6-7 сола истифода намудани ин гуна баҳодиҳӣ ба пайдо шудани анъанаҳои манфӣ оварда мерасонад. Оид ба баҳодиҳии фаъолияти бачаҳо дар поён истода мегузарем.

Дар шахсияти бачаҳои 6-7 сола боз як хусусияти дигар “худбаҳодиҳӣ" инкишоф меёбад, яъне онҳо ба хусусиятҳо, муваффақиятҳо ва имкониятҳои худ баҳо медиҳанд. Ин яке аз нишонаҳои беҳтарини ба таълим тайёр будани бачаҳо мебошад. Вале ба вуҷуд омадани ин хусусият ҳам ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза барои таълиму тарбия имконият мавҷуд аст. Худбаҳодиҳӣ мумкин дар баъзе лаҳзаҳо баланд ё паст шавад. Агар бача фаҳмад, ки меҳнати ӯ сазовори баҳои паст аст, вай аз иҷрои вазифаи супоридашуда даст мекашад, бо вуҷуди он ки вай аз ӯҳдаи иҷро намудани ин вазифа ба хубӣ мебарояд. Ҳолатҳое, ки ба фаъолияти бача

баҳои баланд дода мешавад , вай кӯшишу ҳаракат мекунад, ки ҳамаи супоришҳоро, аз ҷумла супоришҳои мураккабро низ иҷро намояд. Худбаҳодиҳии паст дар бача ҳисси нобоварӣ нисбат ба худ ва саросемагиро ба амал меорад. Ҳатто ба фаъолияти ӯ низ таъсири бад мерасонад. Сипас бача барои ҳалли супориш кӯшиш нишон намедиҳад. Фикр мекунад, ки шарт ҳалли супоришро дуруст нафаҳмидааст ва аз ӯҳдаи ҳалли он намебарояд. Пас ӯ ҳалли супоришро тахмин мекунад ё ба дафтари рафиқаш менигарад, кӯшиш мекунад фаҳмад, ки муносибати муаллим нисбат ба вай чӣ гуна аст, муаллим аз ӯ розӣ аст ё не, ба ҷои тахтаи синф ё ба супориши дар дафтар буда нигаристан аз муаллим чашм наканда меистад. Дар кори ин гуна бачаҳо мушкилиҳо нисбатан зиёдтар аст. Аз ин рӯ, ҳангоми аз тарафи ягон ҳайати комиссия санҷидани дониши онҳо маълум мегардад, ки дониши онҳо хеле паст аст. Барои ин гуна бачаҳо ҳатто ба назди тахтаи синф баромадан ҳам мушкил менамояд. Барои онҳо аз ҷой хеста ҷавоб додан нисбат ба назди тахтаи синф баромада ҷавоб гуфтан афзалтар аст. Қайд кардан лозим, ки барои ин гуна бачаҳо баҳоҳои гузоштаи муаллим роли калон мебозанд . Таъриф ва рӯҳбаланд кардан мумкин аст тарсу ваҳм ва нобоварии нисбат ба худ доштаи бачаро аз байн барад. Сарзаниш ва маломат боиси он мегардад, ки бачаҳо на ин ки камбудиҳои худро бартараф менамоянд, балки онҳо аз фаъолият дур мегарданд. Бача бисёр суст шуда меравад, қаҳру ғазаб ва ранҷиш ба вай имконият намедиҳад, ки хуб кор карда, материалҳои таълимиро аз худ намояд. Бинобар ин муаллим бояд тез- тез аз ягон ҷиҳат бачаро таъриф ва дилбардорӣ кунад, то ин ки хусусиятҳои оҳиста- оҳиста бартараф гарданд.

Бачаҳое, ки ба фаъолияти худ баҳои баланд медиҳанд, ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки донишу маҳорат худро нишон диҳанд, дар синф мавқеи хуб дошта намуна бошанд ва диққати муаллимро ба худ ҷалб намоянд. Бачаҳое, ки худнамоишдиҳиро дӯст медоранд, кӯшиш мекунанд, ки ба ҳар восита (ҳаму рост шудан, аз ҷой хестан, садо баровардан) диққати атрофиёнро ба худ ҷалб намоянд. Ба тарифу таҳсини муаллим ҳамчун чизи муқаррарӣ, ки гӯё ӯ сазовори ҳамин гуна таърифу таҳсин аст, менигаранд. Агар ин гуна бачаҳо таърифу тавсиф карда нашаванд, қаҳру ғазабашон авҷ мегирад.

Ҳангоми муносибат ба бачаҳое, ки ба фаъолияти худ баҳои баланд медиҳанд, бисёр эҳтиёткор будан лозим аст. Бачаро дар ҳолате таъриф ва тавсиф кардан лозим аст, ки дар ҳақиқат сазовори таъриф бошад. Ин гуна бачаҳоро тез- тез сарзаниш ва ё дар хиҷолат монондану шарм дорондан низ хилофи муаллим ва мактаб аст. Дар ин гуна ҳолатҳо мумкин аст бача асабонӣ шавад. Бинобар ин ба

он диққати махсус дода , ӯро рӯҳбаланд кардан яке аз воситаҳои беҳтарини таълиму тарбия мебошад.

Баъзан мешавад, ки бачаҳо дидаю дониста муаллимро дар ҳолати ногувор мегузоранд. Аз ин ҷиҳат агар муаллим хоҳиши бачаро дар назди коллектив ва ё рафиқон ҷазо додан дошта бошад, беҳтар он аст, ки аз ин кор худдорӣ кунад ва ба ӯ эътибор надиҳад. Агар зарурати бачаро сарзаниш карда ба амал ояд, ба ӯ дар ҳолати корӣ камбудиашро оромона, бе ягон қаҳру ғазаб фаҳмонидан лозим аст, то ин ки худ аз кору амали нодурусти худ дар хиҷолат монад. Баръакс , агар бача худро дуруст нишон диҳад, рафтораш хуб бошад, ӯро бо роҳи ба кораш диққат дода, ба ӯ табассум кардан, таҳсин кардан лозим аст.

Шавқу ҳаваси ба фаъолияти коллективона ҳамроҳ шудан маҳорати меҳнати худро ба меҳнати коллектив якҷоя намудан яке аз хусусиятҳои муҳими шахсияти бача аст, ки ба таълим ва ба ҳаёти коллективона одат намудани ӯро таъмин менамояд. Хусусиятҳо ба 6-7 сола низ хосанд. Вале характери муносибати онҳо ба якдигар аз дигар ҷиҳатҳо низ вобаста аст. Монанди муносибати бошуурона кардан бо дигарон (дар ин кор нутқи бурроии бача роли калон мебозад). Инчунин боз бисёр сабабҳои дигари тасодуфӣ низ вуҷуд дорад. Масалан, бача, ки дар рӯзҳои аввали таҳсил бемор шуда буд, мумкин дар оянда аз коллектив дур шавад ( агарчи муносибаташ бо коллектив хуб буд ).

Ҳангоми барқарор намудани муносибати бача бо ҳамсолонаш ҳамаи инро дар назар доштан лозим аст .

Барои дар бачаҳо тарбия намудани ҳисси коллективизм ва инсондӯстӣ бозиҳои коллективона роли калон мебозанд. Бозиҳое, ки дар онҳо роле иҷро карда мешавад, судманданд. Муаллим бояд дар ҷараёни бозӣ иштирок намояд: бачаҳоро ба одилона тақсим кардани ролҳо одат кунонад. Дар ин сурат ролҳои диққатҷалбкунанда бо навбат аз тарафи бачаҳо иҷро карда мешаванд. Агар ба бачаҳои “ тарсончак” ягон роли “роҳбарикунанда” супорида шавад, ба ӯ ёрӣ расонидан лозим, ки аз ӯҳдаи иҷрои он рол баромада тавонад. Бозиҳои серҳарак ва саримизӣ бошанд, барои шуурона дар корҳои коллективона иштирок намудан ба онҳо ёрӣ мерасонад. Дар ин кор бозиҳои конструкторӣ, ки дар дохили бино ва дар ҳавои кушод гузаронида мешаванд (дар дохили бино ба воситаи материалҳои сохтмонӣ ва дар ҳавои кушод ба воситаи рег ва барф ), аҳамиятноканд. Агар дар муносибати кадоме аз бачаҳо камбудие рӯй диҳад, ӯро пеш аз ҳама ба бозӣ ва дигар машғулиятҳои коллективона, ки зери назорати муаллим ташкил карда мешаванд, ҷалб намудан лозим аст. Бозии якҷояи ӯ ва

бачаҳоро ташкил намуда, супориш додан лозим, ки вай ягон бозии шавқовари медонистагиашро нақл кунад. Шартҳои бозиро пеш аз ин ба бача нишон додан лозим. Мумкин аст баъди ин гуна бозиҳо муносибати бача бо ҳамсолонаш барқарор гардад. Вале дар бисёр мавридҳо, ҳатто бо ёрии муаллим ҳам бача муносибати худро бо дигар бачаҳо барқарор карда наметавонад. Инро ба ӯ бе сарзаниш ва ҷазодиҳӣ нишон додан лозим аст (бо вай бозӣ ва муносибат накардани дигар бачаҳо барои ӯ худ ҷазо аст). Аз тарафи муаллим ҳал намудани чунин масъалаҳо барои бача намунаи ибрат шуда мемонад. Хуб мешавад, ки ҳангоми бозӣ ба бача роли " муаллим " супурда шавад, то ин ки ӯ ин ҷанҷолҳои "сунъӣ" ва ҳақиқии бозиро ҳал намояд.

## ХУЛОСА

Ба ҳамин тариқ, ба бачаҳои 6-7 сола имконият додан лозим, ки ба таври васеъ аз бозӣ истифода баранд. Ин барои бомуваффақият давом додани хониш ва инкишофи шахсияти онҳо кӯмак мерасонад. Дар соли ҳафтуми ҳаёт мавқеи асосиро дар хониш ҷиҳатҳои сотсиалӣ ва таълимӣ ишғол менамоянд. Имкониятҳои хуби ташкил намудани бозӣ дар вақтҳои беруназдарсӣ мебошанд. Ин ҷо аз таҷрибаи бои муассисаҳои томактабӣ ( ташкил намудани бозӣ) истифода бурдан лозим аст.

## REFERENCES

1. Амонашвили.Ш. А. " Салом мактаб" М., " Просвещение", 1983, саҳ. 205-206.
2. Эшчонов. А. Шукуров. М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ, Душанбн, " Ирфон", 1964.
3. Кореневский. Е. И. Из истории методики русского языка начальной школе. " Педагогический листок", М., 1969. ст.11-14.
4. Азизова. М. Маҷмӯаи имло ва нақлҳои хаттӣ барои синфҳои ибтидоӣ. Душанбе, 2010. Саҳ.20-24.